«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷ.Б. ________________
«__28__» ____феврали____ 2025

**ХУЛОСАИ**

**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА**

Диссертатсияи Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна дар мавзуи “Таҳлили луғавӣ – маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор, бемева ва гулҳо)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи факултети тарҷумонии забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна унвонҷӯи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба шумор мерафт.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна соли 2003 ба факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда, соли 2008 донишгоҳи мазкурро бо дипломи дараҷаи мутахассис аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забони немисӣ ва англисӣ хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) аз 19-уми апрели

соли 2021 №64-4д ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна “Таҳлили лингвокултурологии калима ва истилоҳоти соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ” дар Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) аз 31-уми марти соли 2021, таҳти №8/3-7 тасдиқ гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷаласаи муҳокимаи ниҳоии диссертатсия дар кафедра мавзуъ бо назардошти пурра ба анҷом расидан аз шакли “Таҳлили лингвокултурологии калима ва истилоҳоти соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ” ба “Таҳлили луғавӣ-маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор, бемева ва гулҳо)” иваз карда шуд.

Роҳбари илмии Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна мебошад. Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) аз 14.06.2024, аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 (аъло) аз 25.12.2024. ва аз фанни забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ бо баҳои 5 (аъло) аз 28.01.2025. бомуваффақият супоридааст.

Диссертатсияи Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума ва забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 24.02.2025, таҳти №7/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи “Таҳлили луғавӣ – маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор, бемева ва гулҳо)” чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника, технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни забоншиносии муқоисавӣ ва маърифатӣ, фарҳангӣ, грамматикаи муқоисавӣ ва грамматикаи назариявӣ метавон такя кард. Масъалаҳои дар рисола баррасишуда дар якчанд самт қобили татбиқанд. Хулоса ва натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифро ҳангоми таълифи китобу дастурҳои забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии муқоисавӣ, луғатшиносӣ ва луғатнигорӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Дар ҷараёни таълими фанни забоншиносии фарҳангӣ дар макотиби олӣ, ки ҷузъи муҳимми барномаи таҳсилоти филологӣ маҳсуб меёбад, таҳқиқоти мазкур роҳнамои хуб буда метавонад. Дар таҳияи курсҳои махсус (лексияҳо) дар мавзуҳои “Таҳлили луғавӣ – маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ” ва “Методологияи луғатшиносӣ” низ метавонанд аз хулосаҳои диссертатсия баҳраманд гарданд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат

мекунад. Ҳаҷми диссертатсия, коркарди нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳое, ки дар заминаи сарчашмаҳои таҳқиқшуда муайян карда шудаанд, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқикро собит менамоянд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, конференсия ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати профессорон ва устодони кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ**. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраротӣ ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақилона ифода шудани нуктаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъийид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводди зарурӣ роҷеъ ба вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани мавқеи ин гурӯҳи вожагон дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мушаххас мешавад.

Диссертатсияи Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна “Таҳлили луғавӣ – маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор, бемева ва гулҳо)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд:

- Бандҳои 31-35-37 – и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна дар мавзуи “Таҳлили луғавӣ – маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор, бемева ва гулҳо)” аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5,68 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Қаюмова С.Ҷ. Таҳлили муқоисавии номи дарахтони мевадор дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих. – Душанбе, 2021. – № 4 (44). – С. 56-65.

2. Абдуллоева Г.З., Қаюмова С.Ҷ. Таҳлили лингвофарҳангии калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номгӯйи дарахтони бемева дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] / Г.З. Абдуллоева, С.Ҷ. Қаюмова // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих – Душанбе, 2022. – № 3 (47). – С. 33- 40.

3. Қаюмова С.Ҷ. Андешае чанд перомуни номгузории гулҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 5. – С. 89-97.

4. Абдуллоева Г.З., Қаюмова С.Ҷ. Таҳлили лингвофарҳангии синонимҳои ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 10. – С. 69-77.

5. Абдуллоева Г.З., Қаюмова С.Ҷ. Назаре ба калимаву истилоҳоти маросими Вайнахтен (тавлиди Исои Масеҳ) [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 2. – С. 36-44.

6. Абдуллоева Г.З., Қаюмова С.Ҷ. Ҷанбаҳои лингвокултурологии калимаи сермаънои соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих. – Душанбе, 2024. – № 4 (56). – С. 10-19.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишороти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

1. Қаюмова С.Ҷ. Таҳлили лингвофарҳангии растаниҳои ороишӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] / С.Ҷ. Қаюмова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ». – Душанбе, 2023. – С. 94-97.

2. Қаюмова С.Ҷ. Сайри таърихии калимаи "боғ" дар забонҳои тоҷикӣ ва немисӣ [Матн] / С.Ҷ. Қаюмова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Забони милат – бақои миллат». – Душанбе, 2023. – С. 115-120.

3. Қаюмова С.Ҷ. Таҳлили лингвофарҳангии истилоҳоти "дарахт" дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] /С.Ҷ. Қаюмова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои тарҷума ва тарҷумашиносии тоҷик: вазъият ва дурнамо». – Душанбе, 2023. – С. 181-189.

4. Қаюмова С.Ҷ. Ҷанбаҳои лингвокултурологии вожагони ифодакунандаи ном ва ранги гулҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] / С.Ҷ. Қаюмова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавии забонҳои аврупоӣ ва омӯзиши он дар шароити муосир». – Душанбе, 2024. – С. 247-252.

5. Қаюмова С.Ҷ. Хусусиятҳои забоншиносии фарҳангии растаниҳои ороишӣ ва гулҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] / С.Ҷ. Қаюмова // Маводди конференсияи илмӣ амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав». – Душанбе, 2024. – С. 280-286.

6. Қаюмова С.Ҷ. Назаре ба омӯзиши масъалаҳои лингвокултурология (забоншиносии фарҳангӣ) [Матн] / С.Ҷ. Қаюмова // Маводди конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ ва усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар замони муосир». – Душанбе, 2024. – С. 205-208.

7. Қаюмова С.Ҷ. Ҷанбаҳои лингвофарҳангии антонимҳои ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] / С.Ҷ. Қаюмова // Маводди конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ назария ва методҳои таҳқиқи «тарҷуманопазирӣ». – Душанбе, 2024. – С. 10-14.

8. Қаюмова С.Ҷ. Мавқеи калимаҳои омонимии соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ [Матн] / С.Ҷ. Қаюмова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Аҳаммияти омӯзиши забонҳои романӣ-германӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва вазъи омӯзиши онҳо дар Тоҷикистон». – Душанбе, 2025. – С. 257-262.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна дар мавзуи "Таҳлили луғавӣ – маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор, бемева ва гулҳо)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Қаюмова Сафармо Ҷумъахоновна дар мавзуи "Таҳлили луғавӣ – маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор, бемева ва гулҳо)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума ва забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 24.02.2025, №7/1 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд:12 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 12 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи факултети
тарҷумонии забони англисии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент — Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

Мудири кафедраи забонҳои романӣ-германии
факултети забонҳои Аврупои
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода — Давлатов Муслим Сайбурҳонович

Котиби ҷаласа:
ассистенти кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода — Исматиллоева Дилафруз Ҳабибовна

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.С. Давлатов ва
Д.Ҳ. Исматиллоеваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна